**ВАРАҚАИ ИТТИЛООТИИ № 26**
**КОТИБОТИ ШӮРОИ МАШВАРАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ**

## МАВЗӮҲОИ АСОСӢ:

- **Ҷараёни интихоби мавзӯҳо барои баррасӣ дар ҷаласаҳоиояндаи Шӯрои машваратӣ (марҳилаи дуюми ҷараёни интихоби мавзӯҳо)**
- **Иштироки намояндагони Котиботи Шӯрои машваратӣ ва бахши хусусӣ дар таҳияи лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав**
- **Ҷараёни интихоби номзадҳо аз ҷониби бахши хусусии ватанӣ ва сармоягузорони хориҷӣ ба узвияти Шӯрои машваратӣ идома дорад**
- **Мулоқоту вохӯриҳои намояндагони Котиботи Шӯро бо шарикон**

## ҶАРАЁНИ ИНТИХОБИ МАВЗӮҲО БАРОИ БАРРАСӢ ДАР ҶАЛАСАҲОИ ОЯНДАИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ
### (Марҳилаи дуюми ҷараёни интихоби мавзӯҳо)

Бо мақсади таъмини шаффофияти ҷараёни интихоби мавзӯҳо барои баррасӣ дар ҷаласаҳоиояндаи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, Котиботи Шӯрои машваратӣ марҳилаи дуюми ҷараёни интихоби мавзӯҳоро доир намуд.

Дар ҷараёни баррасии ҳар як масъала, намояндагони бахши хусусӣ мавзӯҳои афзалиятнокро муайян намуданд, ки ба назари онҳо мавзӯхои мазкур дар ҷаласаҳоиояндаи Шӯрои машваратӣ бояд мавриди баррасӣ қарор дода шаванд.

Дар марҳилаиояндаи ҷараёни интихоби мавзӯҳо пешниҳодоти мувофиқашуда ба шарикони рушд барои ҳамоҳангсозӣ ва баррасии имкониятҳои дастгирии техникӣ аз ҷониби онҳо ирсол карда мешавад. Минбаъд, пешниҳодҳо бо аъзоёни Шӯрои машваратӣ мувофиқа карда шуда, варианти ниҳоии пешниҳодот вақтҳои наздиктарин ба ҷонибҳои ҳавасманд ирсол карда мешавад.

Махсус бояд қайд намуд, ки ҳамаи мавзӯҳо аз ҷониби бахши хусусӣ ҳангоми вохуриву мулоқотҳояшон бо намояндагони Котиботи Шӯрои машваратӣ пешниҳод карда шудаанд.

## ИШТИРОКИ НАМОЯНДАГОНИ КОТИБОТИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ ВА БАХШИ ХУСУСӢ ДАР ТАҲИЯИ ЛОИҲАИ КОДЕКСИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАҲРИРИ НАВ

Котиботи Шӯрои машваратӣ дар ҳамкорӣ бо намояндагони бахши хусусӣ ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ширкати фаъолона намуда истодаанд.
Аз ҷониби Котиботи Шӯро лоиҳаи пешниҳодшудаи Кодекси андоз мавриди омӯзиш қарор дода шуда, як қатор тағйиру иловаҳо таҳия гардид ва ба Комиссияи давлатӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Кодекси андоз дар таҳрири нав ва дигар ҷонибҳои ҳавасманд


Суроға: ш.Душанбе, кӯчаи Л. Шералӣ 3, бинои «Маркази соҳибкорон», ошёнаи 6, Тел: (992 44) 610 60 04/06;
Почтаи электронӣ: secretariat@investmentcouncil.tj, **Website: investmentcouncil.tj**

пешниҳод карда шуд. Тағйиру иловаҳои таҳияшуда барои соддатар намудани маъмурикунонии андоз, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ нигаронида шудаанд.

Намояндагони Котиботи Шӯрои машваратӣ дар якҷоягӣ бо бахши хусусӣ дар ҷаласаҳо вобаста ба муҳокимаи лоиҳаи Кодекси андоз, ки бо ташаббуси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шудааст, фаъолона ширкат намуда истодаанд.

## ҶАРАЁНИ ИНТИХОБИ НОМЗАДҲО АЗ ҶОНИБИ БАХШИ ХУСУСИИ ВАТАНӢ ВА САРМОЯГУЗОРОНИ ХОРИҶӢ БА УЗВИЯТИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ ИДОМА ДОРАД

Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ қабули пешниҳоди номзадҳоро барои узвият ба Шӯрои машваратӣ аз ҷониби бахши хусусии ватанӣ ва сармоягузорони хориҷӣ идома дода истодааст.

Эълонҳо вобаста ба масъалаи мазкур ва талаботҳо тавассути почтаи электронӣ ба шарикон ва ҷонибҳои ҳавасманд ирсол карда шудааст, инчунин дар нашрияҳои даврии “Миллат” ва “Азия Плюс” ба нашр расонида шуданд.

Ба ҷараёни мазкур шӯроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар вилоятҳо низ ҷалб карда шуданд, ки метавонанд номзадҳоро аз ҷониби бахши хусусӣ дар минтақаҳо пешниҳод намоянд.

Талаботҳои асосӣ барои номзадҳо инҳоянд:
1. Номзад бояд ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул бошад ё асотсиатсияи соҳибкориро намояндагӣ кунад;
2. Номзад бояд вазифаи роҳбариро ишғол намуда, ҳатман донандаи забони давлатӣ бошад (ба ғайр аз сармоягузорони хориҷӣ).

Ба лаёқатҳои зерини номзадҳо афзалият дода мешавад:
1. Маълумоти олии иқтисодӣ ё ҳуқуқӣ;
2. Роҳбари корхонаи фаъол дар яке аз соҳаҳои зерин: саноат, сохтмон, энергетика, кишоварзӣ;
3. Таҷрибаи иштирок дар ҷараёни ислоҳот дар самти беҳтар намудани фазои соҳибкорию сармоягузорӣ;
4. Таҷрибаи ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ;
5. Донишҳои таҳлилӣ, пешбурди муколамаи озод, лаёқатҳои муаррифӣ, муошират ва гуфтушунид.

Номзадҳо метавонанд варақаи махсусро бо ҳуруфи Times New Roman Tj пур карда, ба суроғаи amavlonova@investmentcouncil.tj ирсол намоянд.



Суроға: ш.Душанбе, кӯчаи Л. Шералӣ 3, бинои «Маркази соҳибкорон», ошёнаи 6, Тел: (992 44) 610 60 04/06;
Почтаи электронӣ: secretariat@investmentcouncil.tj, Website: investmentcouncil.tj

Варақаҳоро метавонед тавассути дархост ба суроғаи amavlonova@investmentcouncil.tj ё аз сомонаи интернетии www.investmentcouncil.tj инчунин аз Дафтари Котиботи Шӯро бо суроғаи ш.Душанбе, кӯчаи Л. Шералӣ 3, бинои «Маркази соҳибкорон» ошёнаи 6-ум дастрас намоед.

Варақаҳо аз намояндагони сохторҳои соҳибкории ватанӣ ва сармоягузорони хориҷӣ қабул карда мешаванд.

Мӯҳлати ниҳоии қабули варақаҳои пуркардашуда то 15 марти соли 2012.

## МУЛОҚОТУ ВОХӮРИҲОИ НАМОЯНДАГОНИ КОТИБОТИ ШӮРО БО ШАРИКОН

Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ ҷ-би Завқиев З. дар мулоқоти субҳона, ки бо ташаббуси Палатаи савдои Амрико дар Тоҷикистон доир гардид, ширкат намуд. Дар чорабинии зикргардида Роҳбари Котиботи Шӯро лоиҳаи Стратегияи пурзӯр намудани фаъолияти Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузориро муаррифӣ намуда, ба ҳозирин оид ба фаъолияти рӯзмарраи Котибот маълумот дод.

Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ ҷ-би Завқиев З. бо шарикони рушд: ҷ-би Кристофер Миллер – Роҳбари Намояндагии Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ дар Тоҷикистон, ҷ-би Хартвиг Унгетум – Роҳбари Лоиҳаи Агентии Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ва ҷ-би Николас Гюгас – муовини Роҳбари Намояндагии Дафтари ҳамкориҳои Швейцария дар Тоҷикистон вобаста ба масъалаҳои дастгирии техникии Шӯрои машваратӣ ва Котиботи он аз ҷониби шарикони рушд мулоқотҳои алоҳида анҷом дод.

Намояндагони Котиботи Шӯрои машваратӣ бо мушовири иқтисодии Асотсиатсияи “МИДАТ” вобаста ба масъалаҳои ҳамкориҳои дуҷониба мулоқот намуданд. Дар ҷараёни вохӯрӣ ҷанбаҳои гуногуни ҳамкориҳо, аз ҷумла мубодилаи иттилоот, ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ва дигар масоили дуҷониба мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ ҷ-би Завқиев З. бо иқтисодчии пешбари Лоиҳаи Агентии Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷ-би Мариан Мраз мулоқот намуд. Дар ҷараёни вохӯрӣ роҳҳои ҳамкориҳои дуҷониба оид ба ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ тавассути моделикунонии иқтисодиёт ва пешгӯӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд.



Суроға: ш.Душанбе, кӯчаи Л. Шералӣ 3, бинои «Маркази соҳибкорон», ошёнаи 6, Тел: (992 44) 610 60 04/06;
Почтаи электронӣ: secretariat@investmentcouncil.tj, **Website: investmentcouncil.tj**

***<u>Хонандагони мӯҳтарам!</u>***

***Агар ягон таклифу пешниҳодот барои баррасӣ дар ҷаласаҳои минбаъдаи Шӯро ё умуман фаъолияти Шӯрои машваратӣ ва Котиботи он дошта бошед, метавонед тавассути суроғаи электронии amavlonova@investmentcouncil.tj ба Котиботи Шӯрои машваратӣ пешниҳод намоед.***

***Инчунин метавонед маводҳои ҷолибро вобаста ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ирсол намоед, ки дар яке аз нашрҳои оянадаи Варақаи иттилоотии Котибот ҷой дода мешаванд.***

***Бо эҳтиром,***

***Кормандони Котиботи Шӯрои машваратии назди***
***Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид***
***ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ***

***Завқиҷон Завқиев-Роҳбари Котибот***
***Нумон Абдуҷаборов-мушовири иқтисодӣ***
***Елена Ишанкулова-мушовири ҳуқуқӣ***
***Азиза Мавлонова- мушовири ҳуқуқӣ***
***Умедҷон Умаров- мушовири иқтисодӣ***



Суроға: ш.Душанбе, кӯчаи Л. Шералӣ 3, бинои «Маркази соҳибкорон», ошёнаи 6, Тел: (992 44) 610 60 04/06;
Почтаи электронӣ: secretariat@investmentcouncil.tj, **Website: investmentcouncil.tj**